# ҚАРОРИ
# РАИСИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

«19» 07 соли 2019 ш. Душанбе № 230

Дар бораи таъсиси Гурӯҳи корӣ
оид ба таҳияи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав

Мутобиқи банди 8 Низомномаи Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2006, №590) ва бо мақсади иҷрои банди 3 Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июни соли 2019, №АМ-І236 дар бораи таҳияи лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав, қ а р о р м е к у н а м:

1. Аъзои Гурӯҳи корӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Кодекси андози Ҷумухрии Тоҷикистон дар таҳрири нав тасдиқ карда шавад (замимаи 1).

2. Барои минбаъд ба фаъолияти Гурӯҳи кории мазкур ҷалб намудани намояндагони бахши хусусӣ, шарикони рушд, коршиносони соҳавӣ ва байналмилалӣ иҷозат дода шавад.

3. Бо мақсади баргузор намудани ҷаласаҳо, ҷамъоварии маълумот, дар шакли зарурӣ мураттаб ва ба Роҳбари Гурӯҳи кории мазкур пешниҳод намудани онҳо, Котиботи Гурӯҳи корӣ таъсис дода шуда, ҳайати он бо дарназардошти вазифаҳои вобастшуда тасдиқ карда шавад (замимаи 2).

4. Даврияти аз ҷониби Котиботи Гурӯҳи кории мазкур даъват ва баргузор намудани ҷаласаҳо мансуб ба самтҳои муайяншуда дар як ҳафта як маротиба муқаррар карда шавад.

5. Бо мақсади мушаххасан муайян намудани раванди корӣ масъулин тибқи мухлат ва тартиби зерин вазифадор карда шаванд:

- Роҳбари Котиботи Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ то 23 июли соли 2019 бо истифода аз усули консептуалӣ раванди мушаххаси таҳияи лоиҳаи Кодекси андоз дар таҳрири навро бо такя намудан ба маҷмӯи муқаррароти асосие, ки масири умумӣ ва ҷузъии ин ҳуҷҷатро ба пуррагӣ инъикос менамояд ва нақшаи даврии фаъолияти Гурӯҳии кории мазкурро бо назардошти тақсимбандии соҳавӣ муайян намуда, дар муҳлати муқарраршуда ба Котиботи Гурӯҳии корӣ манзур намояд;

- Сардори Сарраёсати сармоягузорӣ ва ҳамоҳангсозии кӯмаки беруна (раёсатҳои пешбурди фаъолияти сармоягузорӣ, ҳамоҳангсозии кумаки

беруна ва мониторинги лоиҳаҳо, шуъбаи равзанаи ягона оид ба мусоидат ба сармоягузорон) то 26 августи соли 2019 муқаррарот ва меъёрҳои кодексҳои андози кишварҳои ҳамҷавор ва ҳамтиҷорат, ки минбаъд дар шакли ҷадвал бо ишораи тафовути ҷойдошта байни қонунгузории Ҷумҳурӣ ва дигар кишварҳо мураттаб карда мешавад, мавриди омӯзиш қарор дода, дар ин хусус таклифҳои мушаххасро ба Котиботи Гурӯҳи корӣ то мӯҳлати муқарраршуда манзур намоянд;

- сардорони раёсатҳои дастгирии соҳибкорӣ, пешбурди низоми иҷозатдиҳӣ ва мониторинги санҷишҳо, моликияти давлатӣ, хусусигардонӣ ва дороиҳои давлатӣ то 26 августи соли 2019 барои ҷамъоварӣ намудани пешниҳоду таклифе, ки ба беҳшавии фазои сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ замина гузошта, барои кам кардани меъёр ва муқаррароти истинодӣ ва ҳаволакунанда мусоидат менамояд, доираи соҳибкорон, сармоягузорон, ассотсиатсияҳо ва дигар тарафҳои ҳавасмандро ҷалб карда, пешниҳодҳоро ба Котиботи Гурӯҳи корӣ то мӯҳлати муқарраршуда манзур намоянд;

- Шуъбаи маҷмӯӣ ва иттилоот то 22 июли соли 2019 ҷиҳати дар сомонаи расмии Кумита кушодани равзанаи алоҳида таҳти унвони "пешниҳод ба Кодекси андоз-2020" ва ҷойгир намудани эълон вобаста ба таъсис ёфтани Гурӯҳи кории мазкур тадбирҳои амалӣ андешад.

- Директори генералии КВД "Тоҷинвест", директорони муассисаҳои давлатии "Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ" ва "Маркази ташаккул ва рушди соҳибкорӣ" ҷиҳати сафарбар намудани мутахассисон ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ барои ташкил намудани вохӯрӣ бо доираи бахши хусусӣ, сармоягузорон, ассотсиатсияҳо доир ба мушкилоти низоми андозбандӣ тадбирҳои амалӣ андешида, раванди дар шакли электронӣ тавассути сомонаи расмии Кумита ҷамъоварӣ кардани фикру ақидаҳои ҷонибҳои ҳавасмандро зери назорат қарор дода, то 26 августи соли 2019 пешниҳодҳои мураттабшударо ба Котиботи Гурӯҳи корӣ манзур намоянд;

6. Муовини якум ва муовинони Раиси Кумита раванди аз ҷониби масъулин сариваќт иҷро намудани вазифаҳои гузошташударо таъмин намуда, бо мақсади мураттаб ва манзур намудани таклифу пешниҳодҳо ба Гурӯҳи кории байниидоравии назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таҳияи лоиҳаи Кодекси андоз дар таҳрири нав чораҳои таъхирнопазир андешанд.

7. Назорати иҷрои қарори мазкурро Раиси Кумита амалӣ менамояд.

Раис Ф. Ҳамрализода

Замимаи 1
ба қарори Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз "19" июли соли 2019

Аъзои Гурӯҳи корӣ
оид ба таҳияи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав

- Ҳамрализода Ф.М. - Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ (Роҳбари Гурӯҳи корӣ);
- Муминзод А.М. – муовини якуми Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ (муовини роҳбари Гурӯҳи корӣ оид ба самти сармоягузорӣ);
- Анварӣ Нигина – муовини Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ (муовини роҳбари Гурӯҳи корӣ оид ба самти соҳибкорӣ);
- Аҳмадзода О.Ҳ. – муовини Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ (муовини роҳбари Гурӯҳи корӣ оид ба самти моликият);
- Қурбонзода С.Н. – сардори Сарраёсати сармоягузорӣ ва ҳамоҳангсозии кумаки беруна;
- Шерализода Ш. – роҳбари котиботи Шурои машваратӣ оид ба беҳтар гардонидани фазои сармоягузорӣ;
- Нуруллозода И.Ҳ. – сардори Раёсати пешбурди фаъолияти сармоягузорӣ;
- Юсуфзод Ш. – сардори Раёсати ҳамоҳангсозии кумаки беруна ва мониторинги лоиҳаҳо;
- Асадуллозода И. – сардори Раёсати дастгирии соҳибкорӣ;
- Ҳақназарзода К. – сардори Раёсати пешбурди низоми иҷозатдитҳӣ ва мониторинги санҷишҳо;
- Муминзода Ф. – сардори Раёсати моликияти давлатӣ;
- Саъдизода Ф. – сардори Раёсати хусусигардонӣ ва дороиҳои давлатӣ;
- Файзуллозода Х. – Директори генералии КВД "Тоҷинвест";
- Ҷураев Д. – Директори МД "Ташаккул ва рушди соҳибкорӣ";
- Раҷабов Ф.- роҳбари Иттифоқи рушди бахши хусусии Тоҷикистон;
- Шомуродов У.- Раиси Ассотсиатсияи миллии истеҳсолкунандагони шир ва маҳсулоти ширии Тоҷикистон;
- Шораҳматов Ш. - Раиси Ассотсиатсияи Агробизнеси Тоҷикистон;
- Кислякова Л.П.- Раиси Ташкилоти ҷамъиятии «Иттифоқи мушовирони касбии Тоҷикистон»;

- Улҷабоева М. Т. – Ассотсиатсияи миллии соҳибкорони хурду миёна;
- Қодиров М. – Ассотсиатсияи сохтмончиён;
- Файзуллоев Ф. Н. - Ассотсиатсияи сайёҳӣ;
- Маҳмудова Фирӯза – Ассотсиатсияи брокерон;
- Ким В. А.- Намояндаи Ассотсиатсияи Бонкҳои Тоҷикистон;
- Фаттидинова З. Б. Директори Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон;
- Эшонов Б. - Муовини Раиси Ассотсиатсияи байналмилалии боркашонии автомобилии Тоҷикистон АББАТ;
- Гуланор Атобек - Намояндаи Ассотсиатсия АМЧАМ;
- Саидов Х. - Директори Маркази дастгирӣ ва рушди соҳибкории шаҳри Душанбе;
- Иркаев Г. - Раиси Ассотсиатсияи операторҳои алоқаи мобилии Тоҷикистон;
- Атоев Асомиддин - Раиси Ассотсиатсияи таъминкунандагони хизматрасониҳои интернетии Тоҷикистон ;
- Ҳаким Қувват - Раиси Ассотсиатсияи фармасевтони Тоҷикистон;
- Мингбоев Л. К. - Иттифоқи фармасевтони Тоҷикистон ;
- Султонов Б. С. - Раиси Иттифоқи мушовирони андози Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Самадова З.- Директори Ширкати «Имон консалтинг»;
- Ҳомидов А.- Директори ҶДММ "Фабрикаи қанодии Амирӣ";
- Абдураҳмонова Ш. - Намояндаи Ширкати "Шивер-Аучан дар Тоҷикистон";
- Бурҳонзода З. - муовини Директори ҶДММ "Авесто Гурӯҳ";
- Уроқова С. - Директори ҶДММ "Гурӯҳи самими Констракшн";
- Гулов Шамсиддин – намояндаи ҶДММ "Кока-Кола Нӯшокиҳои Тоҷикистон";
- Ҷоббиров Э. Н – намояндаи ҶДММ "Чжунгсай Моҳир Семент";
- Бодуршозода М. А. – котиби масъули Гуруҳи корӣ (роҳбари котиботи Гурӯҳи корӣ).

Замимаи 2
ба қарори Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз “19” июли соли 2019

Ҳайати Котиботи Гурӯҳи корӣ
оид ба таҳияи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав

- Бодуршозода М. А. – сармутахассиси шуъбаи равзанаи ягона барои мусоидат ба сармоягузорон (роҳбари котиботи Гурӯҳи корӣ), масъули самти мансуб ба Сарраёсти сармоягузорӣ;
- Ализода П. О. - сармутахассиси раёсати дастгирии соҳибкорӣ, масъули самти мансуб ба раёсатҳои дастгирии соҳибкорӣ, пешбурди низоми иҷозатдиҳӣ ва мониторинги санҷишҳо, моликияти давлатӣ, хусусигардонӣ ва дороиҳои давлатӣ вобастшуда;
- Исмоилзод Ҳ. Ш. - сармутахассиси раёсати пешбурди фаъолияти сармоягузорӣ, масъули самти мансуб ба шуъбаи маҷмӯӣ ва иттилоот, КВД “Тоҷинвест”, МД “Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ” ва МД “Маркази ташаккул ва рушди соҳибкорӣ”.